**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Бахетгули Аймайти дар мавзуи «Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ», дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба пажуҳиши маънои консептуалии вожаи “шодӣ” дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст. Мавзуи интихобшуда дар доираи самтҳои гуногуни забоншиносии муосир – шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ, қавмӣ метавонад мавриди омӯзиш қарор гирад. Аммо дар таҳқиқоти мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба пажуҳиши хусусияти забонӣ-фарҳангии яке аз маънохои эҳсосотӣ, яъне олами ботинию зоҳирии инсон, ҳамчун соҳиби фарҳанги муайян дар доираи парадигмаи инсонмеҳварӣ равона гардидааст.

Муҳиммияти таҳқиқоти мазкур, ҳамчунин, дар он зоҳир мегардад, ки то ҳол ба таври муфассал хусусиятҳои вожаҳои ифодакунандаи маънои эҳсосоту ҳиссиёти шодии инсон на ба таври алоҳида дар забони тоҷикӣ ва на таври муқоиса  бо таҳлилу баррасиҳо ва муайян кардани шабоҳату фарқият дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ омӯхта нашудааст. Муносибати инсонмеҳваршиносӣ тавассути омӯзиши ходисаҳои забонӣ сабаби таваҷҷуҳи бевоситаи олимон, аз ҷумла, ба масъалаи объектификатсияи забонии эҳсосот мебошад. Табиист, ки ин масъала дар маркази таваҷҷуҳи бахшҳои забоншиносии муосир чун забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) ва забоншиносии фарҳангӣ ва иҷтимоӣ қарор дорад.

Аз ин рӯ, масъалаи омӯзиши маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун консепти забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ аз як ҷиҳат барои забоншиносӣ ва бахшҳои муосири он  заминаи устувор мегузорад, аз тарафи дигар, муҳиммияти таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Бахетгули Аймайти соли 2009 факултети филология (Забоншиносии чин)-и Донишгоҳи Қашқари Ҷумҳурии Мардумии Чинро аз рӯйи ихтисоси Омӯзгорои забони чинӣ хатм кардааст. Пас аз хатми Донишгоҳ соли 2016 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 онро ба итмом расонидааст. Сипас, ба ҳайси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D02.13.02 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро бо фармоиши ректор аз 03.09.2024, № 293-05 хатм намудааст.

Аз соли 2015 то ҳол ба ҳайси омӯзгори забони чинӣ дар Донишкадаи Конфутсийи назди Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Кори диссертатсионии **Бахетгули Аймайти дар мавзуи «Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо ҷудо мешаванд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи илмӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **“Ҷойгоҳи маънои консептуалӣ дар низоми маъношиносӣ”** ба масъалаҳои муҳимми консепт, ва маънои консепт дар забоншиносӣ бахшида шудааст. Дар боби мазкур дар доираи чаҳор зербоб хусусияти консепт ҳамчун падидаи илмӣ, меъёри илмии шинохти маънои консептуалӣ, умумият ва фарқи маъноҳо луғавию консептуалӣ дар асоси муқоиса, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии истилоҳи консепт, таҳқиқи ин падида дар забоншиносии тоҷик бо дарназардошти фикру андешаҳои олимону муҳаққиқони дигар оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия “**Таҳлили маънои консептуалии “шодӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ**” номгузорӣ шудааст. Дар зербоби аввали

боби дуюм маълумоти умумӣ доир ба ҷойгоҳи консепти “шодӣ” дар консептосфераи забонӣ-фарҳангӣ дода шудааст. Зербоби дуюм пурра вижагии ифодаи маънои консепти “шодӣ”-ро дар падидаҳои гипонимӣ, муродифӣ, мутазоддӣ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва калимаҳои сода, сохта ва мураккаб, инчунин, вожаҳои иқтибосии арабӣ баррасӣ мекунад. Зербоби сеюми боби дуюм ифодаи маънои консептуалии “шодӣ”-ро дар забони чинӣ бо хусусиятҳои забонӣ нишон медиҳад. Дар раванди баррасии мавзуъ дар боби дуюм барои тақвияти фикру андеша намунаҳо аз осори адибону шоирони тоҷику чин, фарҳангу луғатномаҳо ва ҷадвалу нақшаҳо оварда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои забонию фарҳангии консепти “шодӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ”** унвон дошта, маънои консепти “шодӣ” дар таърихи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ, ифодаи ин маънои эҳсосотӣ тавассути ҷашну идҳо, мавқеи марзи маъноӣ дар таҳаввули маҷозию ифодаи маърифатии “шодӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ, хусусияти ифодаи фарҳангии маънои консептуалии “шодӣ” дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар дар забонҳои муқоисашаванда таҳлилу баррасӣ гаштааст. Ба ақидаи муаллиф, дар адабиёт ва фарҳанги мардуми тоҷику чин ифодаи шодӣ бо рамзи пирӯзӣ, лаҳзаҳои хурсандӣ, тӯю сурур, анъанаҳои миллӣ ва дигар ҷашнвораҳо алоқаманд аст, ки хусусияти баланди инсонмеҳварӣ, зебоишинохтӣ ва бунёдӣ доранд ва мафҳуми мазкурро ҳамчун як воқеияти бузурги руҳию равонӣ нишон медиҳанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсия дода шудаанд, бо методологияи муносибати низоммандӣ, консепсияи илмии забоншиносӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Хулоса ва тавсияҳои илмии диссертатсия барои омӯзиши амалии забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ, барои тарҷумонҳо хизмат карда метавонад. Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст, он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажуҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Дар давраи ба пажуҳиш машғул гаштан, худро ҳамчун

мухаққиқи кордон, доно ва моҳир нишон додааст. Дар чараёни кор адабиёти зиёдеро омӯхтааст.

Хулоса, диссертатсияи **Бахетгули Аймайти дар мавзуи «Маънои консептуалии "шодӣ" ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 уми марти соли 2021 №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D02.13.02 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда аст ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ
«21» апреля 2025

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Ҳусейнзода 19, хонаи 10
Телефон: (+992) 918.68.19.70
E:mail:ghlo2018@mail.ru

Имзои Ж.Б.Гулназарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ

**Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино
Кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Телефон: (+992)232.50.00
E:mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru
«21» апреля соли 2025